# РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №138 (4878) | ҶУМЪА, 15 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|



# ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

**Муинӣ Мавсума МУИНЗОДА,**
**муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих**

**Таҳлили раванди соҳибистиқлолии давлати мо ва таҷрибаи иҷтимоию сиёсӣ нишон дод, ки ташаккулёбии низоми нави давлатдорӣ дар Тоҷикистони ҷавон аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, бори дигар нақши таърихии шахсро дар марҳилаи ҳассосу тақдирсоз собит намуд. Аҳамияти таърихии Иҷлосияи тақдирсози миллат маҳз дар ҳамин нукта таҷассум ёфтааст, ки тавонист роҳбари наҷотбахш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба халқи Тоҷикистон эҳдо намояд.**

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди бунёди давлати миллӣ ва густариши истиқлолу озодӣ басо бузург аст.

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат, ки баъд аз садсолаҳои зиёди ҷонбозиҳо ва заҳмати басо сангину азму талошҳои пайвастаи мардуми озодихоҳи мо ба даст омад, неъмати бебаҳо ва пурарзишест, ки халқи тоҷикро соҳиби комилҳуқуқи сарнавишти хеш намуд ва ҷомеаи мо ҳамчун давлати демократӣ ба раванди умумии таърихи аҳли башар ворид гардид.

Маҳз тахти роҳбариву роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар натиҷаи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи сокинони сарбаланди мамлакат пойдевори давлати навини тоҷикон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ гузошта шуд, кишвари мо дар арсаи ҷаҳон эътироф гардид ва муҳимтар аз ҳама, барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин марҳилаи таърихӣ рамзҳои муқаддаси давлатӣ - Конститутсия, Нишону Парчами давлатӣ ва Суруди Миллӣ қабул шуда, асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат ба танзим дароварда шуданд. Бо гузашти айём ва итминони комил метавон гуфт, ки Конститутсияи мо барои ифодаи ҳадаф ва рушду такомули давлату давлатдории навин омили асосӣ гардид. Маҳз бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти мустақил ва парламентаризми воқеӣ арзи ҳастӣ намуд, зеро ба шарофати ислоҳоти сиёсӣ аввалин бор дар таърихи давлатдории мо унсури асосӣ, яъне тағзияи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи Конститутсия эътироф гардид. Ҳамзамон, дар ин давраи таърихӣ Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, асъори миллӣ ба муомилот баромад.

Беҳтарин ва бузургтарин дастоварди таърихи навини миллати куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик ва арзиши муқаддаси оғози даврони истиқлол ин расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИҶЛОСИЯЕ, КИ РАВАНДИ ТАЪРИХРО ДИГАРГУН КАРД

**Мо, на танҳо шоҳид, балки иштирокчии бевоситаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будем. Бо чашми сар медидем, ки Ватани азизи мо - Тоҷикистон чӣ гуна дар оташи ҷанг месӯзад, одамони бегуноҳ кушта мешаванд, душманию адоват дилҳоро фаро гирифта, бинои давлату ҳукумати Тоҷикистон хароб мегардад. Одамон аз зиндагӣ ноумед шуда буданд, як қисми мардум гуреза шуда, ба дигар кишварҳо рафтанд. Душманони миллат ба оташи ҷанг равған мерехтанд.**

Дар чунин замони барои халқи тоҷик фоҷиабор Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд ва фарзанди фарзонаи халқи мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми роҳбарии мамлакатро ба даст гирифтанд. Тамоми мардуми Тоҷикистон ба сарвари нави худ бо чашми умед менигаристанд. Онҳо аз қатлу ғорат, ҷангу ҷидол ва душмание, ки хоки Тоҷикистонро ба оташ кашида буд, хаста шуда буданд. Имкони пора-пора гаштани миллат ва аз байни рафтани давлат вуҷуд дошт. Мардуми гуреза дар Афғонистон ранҷ мекашиданд. Дар чунин вазъияти фоҷиабор мо ниёз ба як роҳбари бузург доштем, роҳбаре, ки Тоҷикистонро наҷот диҳад, мардуми онро ба сӯи бунёдкорӣ ҳидоят намояд, сулҳро барқарор созад. Дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқ ҳамин гуна роҳбарро медид. Вақте ба курсии роҳбарӣ нишастанд, нахустин сухане, ки ба забон оварданд, аз сулҳу ваҳдат, аз ҳамдигарфаҳмию ҳамдилӣ буд. Баргаштани фирориёнро ба хоки Ватан ташвиқ карда, аз ҷумла гуфтанд: «**Ҳамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пораи ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем**».

Ин сухан ҳақиқате буд, ки аз дили роҳбари ҷавон баромад ва ӯро дар муборизаи беамон ба муқобили қатлу ғорат қарор дод. Ҷоннисориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба касе пӯшида нест.

Пешвои миллат тавонистанд, ки дар душвортарин солҳо миллати тоҷикро сарҷамъ созанд, сулҳро барқарор намоянд, ваҳдати миллиро ба вуҷуд оранд, руҳияи сулҳпарварии миллати тоҷикро эҳё, ҳастӣ ва бақои миллатро ҳифз созанд, тоҷикро чун миллати дорои тамаддун ва фарҳанги бузург дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ бинмоянд, ифтихори миллиро тақвият бахшанд, мардуми кишварро ба созандагию офарандагӣ раҳнамо бишаванд, дӯстию рафоқатро байни шаҳрвандони Тоҷикистон, новобаста ба мансубияти миллию нажодӣ, забонию диниашон, мустаҳкам бигардонанд.

Таъкиди нуктаҳои зикршуда ба мо иҷозат медиҳад бигӯем, ки халқамон соҳиби Сарвар ва Роҳбари давлатамон ба хотири барқарор гардонидани сулҳ, тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ ва бунёд кардани ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд мубориза бурданд ва дар ин кори бузург муваффақ шуданд. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ шахсиятеро ба арсаи давлатдории тоҷикон овард, ки назир надорад. Иҷлосияи мазкур мисли субҳе аз дили шаб равшан шуд ва офтоби саодати халқи тоҷик дар симои фарзанди бузургаш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тулӯъ намуд.



Пешвое шудааст, ки мо садсолаҳо орзу мекардем. Ҳамчунин, собит шуд, ки нақши шахсият дар шакл гирифтани зиндагии босубот, ба вуҷуд омадани сулҳу ваҳдат ва корҳои созандагию бунёдкорӣ хеле муҳим аст. Мо ин ҳақиқатро дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебинем.

Ҳеҷ ҳодисае, воқеае дар гӯшаю канори дунё беҳуда рух намедиҳад. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амри тасодуф набуд, балки хоҳиши халқи дар он замон ҷабрдидаи мо буд, ки раванди таърихро дигаргун сохт ва пойдевори давлати навини тоҷикон шуд. Мо набояд фаромӯш созем, ки дар ҷанги таҳмилии бародаркуш иқтисодиёти мамлакат бештар аз 10 миллиард доллар зарар дид, 150 ҳазор одамон ҳалок шуданд, 55 ҳазор кӯдак ятим, 25 ҳазор зан бесаробон монданд. Хисороти мазкур ба назар ҷуброннопазир мерасид, касе роҳи ислоҳ ва расидан ба мусолиҳаро намедонист, аммо вақте муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд, бо ҷуръати баланд, мардонагӣ, устуворӣ ва қобилияти кордонии ба худ хос тавонистанд раванди манфии таърихро дар Тоҷикистон дигаргун созанд. Сулҳу суботи пойдор ва роҳбарии хирадмандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари моро аз нобудшавӣ нигаҳ дошт.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# РӮЗИ АВВАЛИ КОРИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ даъвати дувоздаҳум ба маънои том анҷумани саодат маҳсуб шуда, мардуми кишвар ифтихорманданд, ки дар замони худ намояндагонашон дар ин ҳамоиши таърихӣ маҳз сарвареро интихоб намуданд, ки ба шарофаташон дар ҳама самтҳо комёбему кишвари азизамон дар арсаи байналмилалӣ мақому манзалати бениҳоят баланд дорад.**

Банда бо чанде аз иштирокчиёни ин иҷлосия мусоҳиба доштам. Тавре онҳо гуфтанд, он вақт ду мақоми бонуфузе, ки барои бехатарию амнияти давлат вазифадор буданд, худро бетараф эълон намуданд, ки ин гувоҳи комилан фалаҷ шудани аркони давлатдорӣ буд.

Гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ ба он оварда расонд, ки Президент Қаҳҳор Маҳкамов истеъфо дод. Раиси Шурои Олӣ Р. Набиев ҳангоми маъракаи интихоботи президентӣ маҷбур шуд ваколати худро боздорад, аммо баъд аз Президент интихоб шудан зери фишори силоҳбадастон аризаи истеъфо навишта, бо Қарори Раёсати Шурои Олӣ Раиси Шурои Олиро иҷрокунандаи вазифаи Президент таъин карданд.

Фишор ба Парлумон ва Ҳукумати иҷроия ва бадтар аз ҳама, оғози гаравгонгирии аъзои Ҳукумату вакилони Шурои Олӣ, бесуботии вазъи сиёсӣ дар кишвар, махсусан пойтахт, эҳсоси тарсу ваҳмро афзуд. Соли 1992 дар бинои Шурои Олӣ ба қатл расондани сардабири рӯзномаи «Садои мардум», депутати Шурои Олӣ Муродулло Шералиев, дар ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) тирборон намудани одамони бесилоҳи аз Кӯлоб ба Душанбе меомада, ноҷавонмардона куштани прокурори генералии ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, гаравгонгирии вакилону аъзои Ҳукумат, ҳуҷум ба Кумитаи амнияти давлатӣ ва саркӯб шудани ҳуҷумкунандагон замина барои оғози ҷанги доманадор дар Тоҷикистон шуданд.

Бо вуҷуди ин, охирин умеди аксарияти мардум Парлумон буд. Бино ба далелҳои мавҷуда, ин иҷлосия 16-уми ноябри соли 1992, соати 10-и пагоҳӣ ба кор шурӯъ намуда, дар он аз 230 вакил 193 нафар иштирок доштанд. Аз 37 вакили боқимонда 25 нафар бесабаб ширкат наварзиданд. 19-уми ноябр иҷлосия бо пешниҳоди масъала дар бобати бозхонди Раиси Шурои Олӣ идома ёфта, таклиф шуд, ки ҷаласаро депутат Ҳ. Табаров раисӣ кунад. Ин пешниҳод аз ҷониби вакилон қабул гардид.

Тавре ҳамсуҳбатонам нақл карданд, бо таклифи раисикунанда интихоби Раиси нави Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Намояндаи халқ А. Мирзоев аз ноҳияи Ҳисор, аз номи намояндагони шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ба сухан баромада, номзадии депутати халқ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Вакили халқ Х. Ғафуров номзадии Иззатулло Ҳаёевро пешниҳод кард, вале И. Ҳаёев аҳволи бади саломатияшро узр пеш овард ва номзадиашро бозхонд кард.

Комиссияи баҳисобгирии овозҳо номзадии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба бюллетени овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт намуд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин буд: аз 197 депутат 186 нафар ба ҷонибдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон овоз доданд.

Ҷанбаи таваҷҷуҳбарангез чӣ гуна сурат гирифтани рӯзи аввали кории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Бино ба гуфти шоҳидони ҳол, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи дигар иҷлосияро оғоз бахшида, қонунӣ будан ё набудани аризаи истеъфои Президенти вақти мамлакат Раҳмон Набиевро, ки зери фишору таъқиби силоҳбадастон навишта буд, баррасӣ карданд. Чанд вакил, аз ҷумла Валентина Абдусамадова ва Адолат Раҳмонова таклиф намуданд, ки «хуб мешавад, агар Раҳмон Набиев чун Президенти интихобнамудаи халқ аз минбари иҷлосия арзи дилашро ба мардум расонад».

Бо назардошти ин таклиф Раҳмон Набиев ба толор даъват шуда, қазияро батафсил ҳикоят намуд. Сипас, мардуми ҷумҳуриро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ даъват намуда, аз мансаб истеъфо дод ва ба Роҳбари интихобшудаи давлат барори кор хост. Иҷлосия қарори истеъфои Раҳмон Набиевро қабул карда, ҳамчунин, ба ӯ як қатор имтиёзҳо муқаррар намуд. Ҳамон рӯз истеъфои аъзои Девони вазирони ҷумҳурӣ низ қабул ва Сарвазири нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, супориш гирифт, ки сохтор ва ҳайати нави Ҳукуматро пешниҳод намояд.

Ҳамин тариқ, иҷлосия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо»-ро баррасӣ ва барои такмили он комиссия таъсис дод.

Гузориши иҷрокунандаи вазифаи прокурори генералии ҷумҳурӣ дар бораи роҳҳои халъи силоҳ шунида, масъалаҳои афви умумӣ баррасӣ шуд. Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва раисони кумитаву комиссияҳои Шурои Олӣ интихоб гардиданд.

Сипас, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз натиҷаҳои мулоқот бо қумондонҳои ноҳияҳои Шаҳритус, Қумсангир ва Панҷ гузориш доданд. Таъкид намуданд, ки мавзуи асосии маҷлиси Шурои Олӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи «Тадбирҳои муътадил намудани вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба рӯзнома дохил шуд. Раиси Шурои Олӣ, ҳамчунин, пешниҳод намуданд, ки дар масъалаи муътадил гардонидани вазъи ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ аз рӯи натиҷаи масъалаҳо изҳорот қабул карда шавад. Намояндагон ин пешниҳодро низ ҷонибдорӣ намуданд.

Шояд аксарият надонанд, ки дар баъзе ҳолатҳо иҷлосия то соати 23:00 шаб, бе танаффус, давом мекард. Роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз субҳ то бевақтии шаб ба иҷлосия раисӣ мекарданду баъди он барои бо силоҳбадастон вохӯрдан ба минтақаҳои даргир парвоз менамуданд. Дар ин бобат ҳамсуҳбатонам аз ҷумла гуфтанд, ки «ҳайрон мешудем, он кас кай истироҳат мекарда бошанд?».



Мардум бо як ҷаҳон умед қарорҳои қабулнамудаи иҷлосияро интизор буданд. Дар ҳамин ҳол баъзеҳо натиҷаи мусбати иҷлосияро намехостанд ва бо ҳар роҳу васила ба кори он монеа эҷод мекарданд. Як қисм вакилон аз майдони ҷанг ба иҷлосия омада буданду рӯзҳои аввал андешаронииашон бо эҳсосот сурат мегирифт, вале аксарияти намояндагон, аз қабили шахсиятҳои барӯманд, ҳозиронро ба таҳаммулу ҳамдигарфаҳмӣ даъват намуданд. Дар ин бобат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Ҳамдигарфаҳмии аксарияти кулли вакилони иҷлосия, муттаҳид будани онҳо дар самти дарку эҳсоси якдилонаи масъалаҳои муҳиму тақдирсози мамлакат, ҳисси баланди масъулиятшиносии онҳо дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда боиси минбаъд таъмин гардидани заминаи ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеа гардиданд…».

Хуб дар хотир дорем, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Роҳбари давлат савганд ёд намуда, аз ҷумла гуфтанд: «Оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем».

Эътирофу арҷгузорӣ бояд кард, ки ин садоқату самимият баръало собит шуда, кулли дастоварди тоҷику тоҷикистониён ва рушди бемайлони кишвар самараи ҳамон иҷлосияи тақдирсоз маҳсуб мешаванд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 1)

Нақши таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон дар таърихи навини давлатдории мо бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Мо як бори дигар дидем, ки халқи мо дорои хиради азалӣ аст. Дар лаҳзаҳои душвор хулосаи дуруст мебарорад, сулҳу дӯстиро аз душманию ҷанг афзал медонад. Фарзандони фарзонааш барои саодати абадии миллати худ ҷонбозиҳо мекунанд. Мо ҳамаи инро бо чашмони худ дидему мушоҳида намудем.

# ИҶЛОСИЯЕ, КИ РАВАНДИ ТАЪРИХРО ДИГАРГУН КАРД

Имрӯз бо ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон симои Тоҷикистон куллан дигаргун гаштааст. Шаҳри Душанбе ба таври шинохтанашаванда дигар гашта, бо хиёбонҳои сабзу хуррам, биноҳои осмонбӯс, боғу гулгаштҳои зебо чеҳранамоӣ мекунад. Агар ба дигар шаҳру ноҳияҳои кишварамон ҳам сафар намоем, мебинем, ки ободу дилрабо шудаанд. Роҳҳои тахту ҳамвор тамоми Тоҷикистонро ба ҳам пайванд мекунанд, нақбҳои сершумор равуоро ба ҳар гӯшаи мамлакат осон мегардонанд, нерӯгоҳҳои барқи обӣ нурафшонӣ менамоянд, боғу майдонҳои сабзу хуррам ба дилҳо сурур мебахшанд. Ҳамаи ин натиҷаи меҳнати софдилонаи мардуми мо ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Вақте Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ман 53 - сола будам ва дар кори он фаъолона ширкат варзидам. Ҳоло бошад, 85 - сола ҳастам. Яъне, аз замони баргузории он иҷлосияи тақдирсоз 32 сол сипарӣ гаштааст. Ин 32 сол дар пеши таърих замони хеле кӯтоҳ аст, аммо бубинед, ки мо ба чӣ дастовардҳое ноил гаштем, Тоҷикистон ба гулдастаи Шарқ мубаддал гаштааст. Ман ҳамаи инро дида, аз дилу ҷон шукргузорӣ мекунам ва бо тамоми ҳастиям мехоҳам, ки сарзамини аҷдодиям, Тоҷикистон - Модари ҷонофарини мо то ҷовидон поянда бошад ва замзамаи ваҳдат дар дилҳою оҳанги савганди садоқату вафодорӣ ба Ватан ҳамеша дар руҳу равони миллат садо бидиҳад.

**Ҳикматулло НАСРИДДИНОВ,**
**вакили Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

(Идома аз саҳ. 1)



Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду боли тавоно мебошанд, ки Тоҷикистонро ба парвозҳои баланд ҳидоят намуда, ҳамчун омилҳои созанда дар самти бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва чун ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги таҳаммулгароӣ, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатамон заминаи асосӣ гузоштанд.

Роҳбари оқилу дурандеши мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиёрӣ новобаста аз вазъи душвор ва печидаи кишвар дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон, роҳандозию барқарорнамоии робитаҳои дӯстонаю дипломатӣ бо кишварҳои гуногун, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва муаррифии кишвару миллат дар арсаи ҷаҳон нақш ва саҳми беназир доранд. Натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ ва ҳидояту роҳнамоиҳои Пешвои миллат, аз ҷумла сиёсати «дарҳои кушода» аст, ки имрӯз Тоҷикистон бо 184 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда, дар арсаи ҷаҳон ҷойгоҳи махсус касб кардааст. Ба шарофати истиқлолият ва файзи сиёсати бобарору хирадмандонаи Пешвои миллат Тоҷикистон ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи худро бо созмону шарикони бонуфузи байналмилалӣ бомуваффақият ба роҳ мондааст. Боиси сарбаландии мо - мардуми тамаддунофари тоҷик аст, ки ҳоло давлати озоду соҳибихтиёри мо дар арсаи байналмилалӣ соҳиби мақому манзалати шоиста буда, ҷаҳониён иқдому ташаббусҳои сулҳҷӯёнаву созандаи онро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунанд.

Хушбахтона, вазъи муътадили сиёсӣ, дастовардҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ва эътирофи ҷаҳонӣ имкон дод, ки кишвари маҳбуби мо - Тоҷикистон мизбони на танҳо ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба об ва дигар масоили глобалии сайёра, ҳамзамон, мизбони чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба намудҳои алоҳидаи варзиш, аз ҷумла нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ, гардад. Имрӯз бо шарофату нусрати Истиқлоли давлатӣ, тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ Парчами давлатии Ватани биҳиштосои мо - Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун рамзи Тоҷикистони соҳибистиқлол парафшон мебошад.

Боиси хушҳолист, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ симои Тоҷикистони азиз ба куллӣ дигаргун шуда, дар натиҷаи заҳмати аҳлонаву ватандӯстонаи сокинони бонангу номуси он дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо пуштибонӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Пешвои миллат амалҳои ободониву созандагӣ вусъати тоза касб намудаанд. Бо риояи санъати баланди меъмории милливу муосир дар ин марҳила бунёд гардидани иншооту биноҳо, боғу гулгаштҳои замонавӣ, таъсиси корхонаву коргоҳҳои саноатӣ, таъмиру навсозии роҳҳо, пулу нақбҳо ва хиёбону кӯчаҳо боиси рушди босуръати Тоҷикистони ягонаамон гардид.

Ҳамаи дастовардҳои бузурги миллати сулҳпарвару сулҳхоҳи тоҷик дар даврони навин маҳсули сиёсати хирадмандона, дурандешона ва фарҳангпарваронаи Пешвои миллат мебошад. Хуршеди истиқлол дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 33 сол аст, ки хонаи ҳар як тоҷику тоҷикистониро рӯшноӣ бахшида, фазои амнияту осоиштаро фароҳам сохтааст. Воқеан, Истиқлоли давлатӣ ифтихор ва нангу номуси ҳар як фарди тоҷик буда, рамзи соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ ва озодии миллати хирадсолору куҳанбунёди мо мебошад.

Месазад ҷавобан ба боварию эътимоди Президенти маҳбубамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якҷо минбаъд низ бо эҳсоси гарми меҳандӯстию ватандорӣ, ҳушёрию зиракӣ ва кору фаъолияти содиқонаву софдилона баҳри бештар аз пештар ободу зебо намудани кишвари азизамон ва неруманду пешрафта гардонидани давлати соҳибистиқлоламон, боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ саъю кӯшиши доимиро равона намоем.

# НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ - ТАРЗИ МУТАМАДДИНИ ИДОРАИ ДАВЛАТ

**Дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ ниҳоди президентӣ ҳамчун яке аз намудҳои роҳбарӣ ба давлат маъмул буда, таърихи зиёда аз дусадсола дорад. Ниҳоди президентӣ яке аз унсурҳои асосии ҳокимияти давлатӣ дар мамлакатҳои шакли идоракуниашон ҷумҳуриявӣ ба шумор меравад. Зарурияти мавҷудияти ниҳоди мазкур аз зарурияти татбиқи функсияи сарвари давлат бармеояд, ки паҳн гардидани ниҳоди президентӣ дар ҷаҳон шаҳодати он аст.**

Тоҷикистони муосири мутамаддин шакли идораи ҷумҳурии президентиро дошта, моҳияти ҷавҳарии он дар Конститутсияи кишвар мустаҳкам гардидааст. Тавре аз мазмун ва заминаҳои бунёдии қисми дуюми моддаи 1 Конститутсия бармеояд, «шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад». Дар низоми идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент нақши ҳалкунанда дорад. Раванди инкишофи таҷзияи ҳокимият дар аввали солҳои 90-ум ба тамоюли бавуҷудоии ниҳоди конститутсионию ҳуқуқии «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» замина гузошт.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» аз 29 ноябри соли 1990 ниҳоди президентӣ таъсис ёфт. Баъдан, дар натиҷаи гирифторӣ ба буҳрони нави мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва пас аз даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи соли 1978 аз 27 ноябри соли 1992 дар Тоҷикистон ҳокимияти президентӣ бекор карда шуд. Дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Тоҷикистон ниҳоди президентӣ муваққатан аз Конститутсия хориҷ гардид. Пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 ниҳоди мазкур аз нав барқарор карда шуд. Дар Конститутсияи соли 1994 ба ин падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ боби махсус - боби чаҳорум, ки «Президент» ном дорад, бахшида шудааст.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи соли 1994 ҳомии Конститутсия будани Президенти кишварро бо вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии ӯ алоқаманд намудааст, ки моҳияти онро бо чунин омилҳо ошкор кардан мумкин аст:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансабдори олии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ӯро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол бо тартиби муқарраршуда интихоб менамоянд;
- Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия буда, вазъи конститутсионӣ - ҳуқуқии ӯро Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Тоҷикистон муайян менамоянд. Тибқи қисми аввали моддаи 64 Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду сифати айнии вазъи ҳуқуқиаш ҳамчун сарвари давлат ва ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавқеи хоса дорад;
- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеан, рамзи давлат, сарвари давлат ва Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дорои салоҳияти намояндагии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат аст;
- Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҷумҳуриро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад. Ҳуқуқи аз номи тамоми халқи Тоҷикистон сухан гуфтанро дорад. Ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия Президент - Раиси Ҳукумати Тоҷикистон роҳбар ва масъули дуруст ба роҳ мондани масъалаҳои идораи давлат дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо мебошад.

Вазъи ҳуқуқии Президентро салоҳиятҳои ӯ дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ, қонунгузорӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкили мақомоти давлатӣ ва муайян кардани низоми он, ҷобаҷогузории кадрҳо муайян намудааст, ки нақш ва мақому манзалати мавсуфро дар мураттабсозии ташкили низоми ҳокимияти давлатӣ вусъат мебахшад. Ин меъёр чунин маънӣ дорад, ки бе роҳи интихоби қонунӣ ягон шаҳрванд ҳақ надорад мансаби Президенти кишварро ишғол намояд ва ё соҳиби салоҳияти ӯ гардад.

Ба мансаби Президент шаҳрванди Тоҷикистон ба тариқи муқарраргардида интихоб шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Мавҷудияти рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия будани ӯро шаҳодат медиҳанд, ки намуд, вазъи ҳуқуқӣ, тасвир, маҳал ва тартиби нигоҳдошт, инчунин, тартиби истифодаи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июли соли 2006, №192, муқаррар менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки баъд аз савганд ёд намудани Президенти кишвар дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2006, №205 «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон савганди тантанавӣ ёд мекунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона доранда ва барандаи тавозуни ҳокимияти давлатӣ мебошад. Вай ба тарзҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ шахси масъули бонуфуз дар механизми тавозуни (боздорӣ ва мувозинаи) ҳокимияти давлатӣ фаъолона иштирок менамояд, зеро амалисозии самтҳои фаъолияти Президент, ки аз салоҳиятҳои ӯ бармеоянд, бо низоми ҳокимияти иҷроия, мақомоти қонунгузор ва судӣ алоқаи зич дорад. Вай дар таъсисдиҳӣ ва фаъолияти онҳо бевосита салоҳияти конститутсионии хешро амалӣ месозад (моддаҳои 62, 69 Конститутсия). Масалан, Ҳукуматро таъсис медиҳад, Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро таъин ва озод мекунад, фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад механизми мураттабсозӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, усули тавозуни ҳокимияти давлатиро ба таври воқеӣ истифода барад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки мувофиқа ё ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили ягонагии ҳокимият ва сиёсати давлат амалӣ гардад ва дар асл ба дуализм ё анархияи ҳокимият роҳ дода нашавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминкунандаи тавозуни устувори рукнҳои давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад, ки ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистонро таҳким мебахшад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Президент ягона нозири волои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ ва шахси мансабдори олии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар таъмини кафолати иҷроиши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он баромад мекунад ва ҳамчун кафили риояи қарордодҳои байналмилалӣ, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян месозад.

Хулоса, ташкили қолаби фаъолият ва идораи давлат бо роҳбарии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зуҳури ниҳоди президентӣ падидаи нави сиёсию ҳуқуқие мебошад, ки дар тӯли таърихи мавҷудияти давлатдории тоҷикон аз замони давлатдории Сомониён то имрӯз назир надорад. Сарфи назар аз дигаргуниҳову душвориҳо ва ислоҳот дар қолаби идораи давлат дар худ ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хосиятҳои рукни ҳокимият, яъне ҳокимияти иҷроияро, ки бо он алоқаманд аст, ҳифз намуд.

Низоми идоракунии президентӣ тайи замони амал дар Тоҷикистон дурустии хешро собит намуд ва ин тарзи идоракунии ҷомеа бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овард, то вазъи кишвар зина ба зина беҳтар гардад, самтҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ рӯ ба беҳбудӣ оварад, Тоҷикистонро аз як кишвари ҷангзада ба як кишвари орому осуда табдил дода, дурнамои рушди онро муайян намояд.



**Исомуддин ШАРИФЗОДА,**
**номзади илмҳои фалсафа**

# «ДАҲСОЛАИ ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА»

## ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ОНРО ЧУН ТАРҲИ НАВИ СУЛҲ БОЯД ПАЗИРАД



**Сулҳ. Ин бор Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари бонуфузи Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин мавзуи бениҳоят муҳим ба таври махсус ҷалб карданд. Ташаббус ва пешниҳоди навбатие, ки Роҳбари давлатамон дар ин самт дар «Саммити Оянда» (шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) ироа намуданд, баҳри рифоҳи давлат ё миллати махсус не, балки ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир, имрӯзи неку фардои ободу зебои насли башар аст - тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад. Ин ташаббуси башардӯстонаи Сарвари давлати мо ва мавқеъгирии Тоҷикистон дар ин самт сархати бисёре аз расонаҳои дунё гардид.**

### ҶАНГ ҲАМЕША ХАРОБӢ МЕОРАД

Агар ба таърихи начандон дур назар афканем, маълум мегардад, ки ҷангҳо дар тамаддуни гузаштаи инсоният чӣ таъсири манфие гузоштаанд. Ҳазорҳо китобхонаю мактаб, роҳу пулҳо, муассисаҳои саноатию фарҳангӣ, ки ҳамагӣ дар рушди тафаккур ва зиндагии босаодати бани башар нақши созанда мегузоранд, хароб гаштаю аз байн рафтаанд. Тибқи баъзе сарчашмаҳо танҳо дар ду ҷанги ҷаҳонии асри XX ва ҷангҳои маҳдуд зиёда аз 100 миллион нафар одам ҳалок шудаанд.

Ҳоло ҳам бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дар гирдоби муноқиша қарор доранд. Бар асари ҷангу низоъҳои шаҳрвандӣ, ҷангҳои байнидавлатӣ, низоъҳои дохилию байналмилалии ду даҳсолаи охир дар ҷаҳон ҳазорон нафар ҷони ширин аз даст додаанд, ки миёнашон кӯдакон кам нестанд. Ҳазорон нафари дигар бехонумону дарбадаранд ва садҳо тифлакони маъсум аз оғӯши гарми волидон барои ҳамеша маҳрум.

Расонаҳои гуногуни ҷаҳон танҳо дар соли равон аз буҳронҳои байни Озарбойҷон ва Арманистон, Россия ва Украина, Исроил ва Фаластин ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Сурия, Судон, Ҷумҳурии Африқои Марказӣ ва монанди инҳо хабар доданд.

Созмони Милали Муттаҳид аз он изҳори нигаронӣ дорад, ки бештари осебдидагон дар ин муноқишаю ҷангҳо занону кӯдакон мебошанд. Зимни як таҳқиқоте, ки коршиносони Пажӯҳишгоҳи сулҳи шаҳри Норвегия якҷо бо ташкилоти Наҷоти кӯдакон анҷом доданд, муайян гашт, ки ҳоло 468 миллион кӯдак дар саросари ҷаҳон аз оқибатҳои ҷангу низоъҳои гуногун азият мекашанд. Шигифтангез, аммо ҳақиқат аст ва ин рақам ниҳоӣ нест, зеро дар баъзе кишварҳо ҳанӯз ҷангу низоъҳо идома доранд.

### ТАҲДИД БА ҲАСТИИ БАШАР

Коршиносон ин ҳолат - ҷанг ва низоъҳои дохилию байналмилалиро таҳдид ба ҳастии башарият меҳисобанд. Андеша доранд пешгирӣ накардани он, махсусан дар сурати сар задани ҷанги ҳастаӣ, метавонад ҳатто инсониятро аз байн барад.

Физики амрикоӣ, роҳбари илмии лоиҳаи Манхэттен (Манхэттен номи рамзии барномаи ИМА оид ба таҳияи силоҳи ҳастаӣ мебошад) Ҷулиус Роберт Оппенгеймер, ки зери роҳбарии ӯ солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (аниқтараш соли 1942) намунаҳои аввалини силоҳи ҳастаӣ таҳия шуд, нахустин таркиши бомбаи атомиро дида, чунин гуфта буд: «Акнун ман марговар, харобкунандаи дунё шудам».

Воқеан, ин силоҳ, ки ба дасти худи инсонҳо сохта шуд, қудрати аз байн бурдани тамоми мавҷудоти зиндаро дорад. Аз ин хотир, пешгирии ин раванд ва хатарҳои дигари монанд дар рӯи Замин ба манфиати мардумони тамоми сайёра мебошад. Албатта, кишварҳо дар алоҳидагӣ наметавонанд ин корро анҷом диҳанд, аммо дар ҳамбастагӣ имконпазир аст.

Чунин таҷриба, муборизаи дастҷамъонаи башарро ба хотири рафъи хатаре, ки ҷаҳон ба он рӯ ба рӯ буд, чанд соли пеш мушоҳида намудем. Тавре медонем, оғози соли 2020 ҷаҳон ба буҳрони шадид - бемории коронавирус (COVID-19) гирифтор шуд. Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, дар ҷаҳон бо ин сабаб беш аз 7 миллион нафар ҷон доданд, аммо наандешидани чораҳои зарурӣ метавонист боиси марги бештари сокинони сайёра гардад. Иттиҳоду ҳамбастагӣ ва дастгирии якдигар буд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тавонист пеши роҳи паҳншавии ин вaборо гирад, дунёро аз он пок созад.

Маҳз ба ҳамин хотир, Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун шахси адолатхоҳ, ҳамаи сарварони кишварҳоро ба ҳифзи пойдории сулҳ даъват намуданд: «Мо - роҳбарони давлатҳоро зарур аст, ки атрофи ҳадафҳои умумӣ ба мақсади таъмини сулҳи пойдор дар тамоми кураи Замин ва хотима бахшидан ба ранҷу азоби одамон бар асари ҷангҳо ва паёмадҳои даҳшатбори онҳо муттаҳид шавем».

Пешвои миллат зарур донистанд аз иқдомҳои муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор гирифта шавад.

### ИНСОН НАБОЯД ХУДРО МАҲВ СОЗАД

Аз воқеаҳои ҷаҳони муосир метавон чунин хулоса кард: инсон метавонад худро маҳв созад ё баръакс, барои худ зиндагии шоистаю зебо бисозад ва барои саодати насли фардои башар заминаи созгор фароҳам орад.

Аслан, ҳидисае, ки инсон дар муқобили он оҷиз аст, офати табиӣ, мисли сели маргбор ё тарма мебошад. Заминларзаи шадидро (7,5 балл бо ҷадвали Рихтер), ки дар Туркия ва Сурия 6-уми феврали соли 2023 рух дод, ба хотир биоред. Ин зилзила ҳазорон нафарро бехонумон намуда, риштаи умри садҳо нафар, аз ҷумла кӯдакони маъсуми ҳанӯз аз шири модар сернашудаю аз баҳори умр гуле начидаро барканд. Чунин ҳодисаҳо собит менамоянд, ки инсон бо вуҷуди рушд бахшидан ба илму техника ҳанӯз наметавонад муайян созад, ки фардо табиат ба сараш чӣ меорад, аммо қодир аст ба амалҳои даҳшатборе, мисли ҷанг дар рӯи Замин, хотима бахшад. Албатта, тавассути фарҳанги сулҳ ва дипломатия.

Аз ҳамин лиҳоз, пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути қатъномаи махсуси СММ қабул намудани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» тарҳи нави сулҳофарие мебошад, ки пазируфтани он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба манфиати башар аст.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ПОСДОРИ ЗАБОНИ МИЛЛӢ

**Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони тоҷикӣ, забони миллати куҳанбунёди тоҷик роҳи ҳазорсолаҳои таърихро бо шебу фарозҳои зиёде тай намуда, то замони мо омада расидааст. Ин забон бо шевоӣ ва ширинии худ ҳазорсолаҳо забони давлатдорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва хонаводагии чандин сулолаҳою халқият будааст, ки таърих аз он шаҳодат медиҳад.**



Истиқлоли давлатӣ ин шукӯҳу шаҳомати қадимии забони тоҷикиро эҳё намуда, онро боз бар маснади давлатӣ нишонд. Дар саргаҳи гиромидошти ин забон абармарди таърих Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд, ки сабаби рушду инкишоф ва арҷгузорӣ ба он гардид. Ташаббус ва хизмати хастанопазири Пешвои миллат дар роҳи ҳифз ва эҳёи забони давлатӣ беназир мебошад. Агар ба оинаи таърих як нигоҳ афканем, чунин саъю талош ва дастгирию пуштибонии оқилонаро баҳри рушду инкишоф ва арҷгузорӣ ба забон аз ҷониби ҳеҷ як шоҳу султоне ва ё ҳокиму амире дар тӯли таърих намебинем.

Дар ин беш аз 33 соли даврони соҳибистиқлолӣ забони тоҷикӣ бесобиқа рушд намуда, мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худро дар ҷомеа пайдо кард, чун омили асосии ҳамбастагии миллатҳо ва халқият эътироф шуд ва дар арсаи байналмилалӣ мақоми хосаи худро тавассути суханрониҳои Пешвои миллат дар ҳамоишҳои бузурги сатҳи баланди байналмилалӣ касб кард.

Таҳти сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ имрӯз ба ҳайси забони сиёсат, қонунгузорӣ, илму маориф, фарҳанг, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар васоити робитаҳо амал мекунад.

Забони қонунгузорӣ ва ё эҷоди қонунҳо дар парламенти касбӣ тавассути забони давлатӣ амалӣ мегардад, аммо доир ба татбиқи забони давлатӣ дар қонунэҷодкунии парламентӣ сухан ронда, наметавон аз нақши Пешвои миллат дар робита ба ин самт ва кӯшишҳои ӯ дар қабули санадҳои муҳими сарнавиштсоз доир ба забони давлатӣ ёдовар нашуд.

Қобили ёдварист, ки 22-юми июли соли 1989 Иҷлосияи даҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Қонуни забон»-ро қабул кард, аммо қонуни қабулшуда дорои нуқсонҳои сиёсӣ буд. Аз ҷумла, масъалаҳои бисёр муҳими нигаҳдорӣ ва ҳифзи забони тоҷикӣ ва риояи меъёрҳои он, ки барои инкишоф ва рушди забон бояд такони ҷиддӣ мебахшиданд, сарфи назар шуданд. Ҳамчунин, ҷиҳати иҷрои муқаррароти қонуни мазкур фишанги сиёсие дар ҳамон давр вуҷуд надошт ва қонун танҳо ба хотири ором намудани мардуми шӯрида қабул гадида буд.

Воқеан, маҳз баъд аз таҷлили Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ забони давлатӣ эълон шуда, аҳамияти хосеро касб намуд, аммо метавон гуфт, ки дар солҳои аввали истиқлолият забони тоҷикӣ мушкилотеро, ки дар солҳои қаблӣ пушти сар мекард, бар дӯш дошт. Пешвои миллат дар ин маврид таъкид кардаанд: «Вале, ҳамчунон ки мо дар соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифтори мушкилот будем, дар арсаи забон низ душворӣ ва вазифаҳои мо камтар аз он набуданд».

Албатта, ба як маҷрои муайян даровардан ва муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди забони давлатӣ дар ҳамон вазъияти мушкили сиёсӣ коре буд басо душвор, ки инро на ҳама соҳибзабонон эҳсос мекарданд ва на ҳама медонистанд. Чунон ки маълум аст, вобаста ба даст омадани истиқлоли забонӣ «забондӯстон»-и зиёде ба майдони забони тоҷикӣ ворид гардида, дар майдони «истилоҳофарию калимасозӣ» аспи қудрат меронданд. Баҳри тозагии забон Пешвои миллат пайваста кӯшиш карданд. Забоншиноси маъруф Ғаффор Ҷӯраев дар яке аз мақолаҳояш зикр намудааст: «… балки ҳаёти воқеӣ пешгӯиҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бори дигар тасдиқ намуд, ки ӯ дар рӯзҳои аввали ба вазифаи Президент интихоб шудан дар ҷавоб ба суоли журналистон гуфта буданд: барои татбиқи Қонуни забон чанд даҳсола лозим аст».

Ба ҳамаи ин монеаҳои сунъӣ нигоҳ накарда, бо пешниҳоди Роҳбари давлат Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдор аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №142 «Доир ба тамдиди тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони ҷумҳурӣ» қабул кард, ки тибқи он муддати давраи гузариш дар татбиқи Қонуни забон то соли 1999 муайян карда шуд.

Пас аз 1000 сол мавқеи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон мустаҳкам гардид. Ба таъкиди забоншинос С. Назарзода: «Дар охири солҳои 90-уми садаи гузашта забони тоҷикӣ ба як забони тавонои давлатӣ табдил ёфт ва аллакай дар соли 2000-ум тамоми муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии Тоҷикистон маҷбур шуданд, ки барои дар амал пиёда шудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ гузаранд. Яке аз муваффақияти бисёр бузурге, ки дар ин давра мо ба даст овардем, дар асоси сиёсати бисёр пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, махсусан, пуштибонии Президенти кишвар дар коргузории расмии ҷумҳурӣ ба таври пурра ҷорӣ гардидани забони давлатӣ буд».

Ҳамин тавр, дар ибтидои асри XXI бо ибтикору ташаббусҳои хастанопазиру бунёдии Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба марҳилаи нави рушду инкишоф ва густаришу такомули бемайлон дар ҷаҳони мутамаддин, ки пайваста бо навгониҳои технологияи иттилоотӣ ва вусъати босуръати техника рӯ ба рӯ мегардад, ворид шуд.

Эҳтироми арҷгузорӣ ба забони давлатӣ муқаддимаи марҳилаи дигаре буд, ки забони давлатӣ ба он ворид гардид ва ин консепт дар тамоми баромаду суханрониҳо ва номаҳои табрикотии Пешвои миллат садо медоданд ва имрӯз низ садо медиҳанд: «Эҳтироми забон ва пос доштани он як рукни маданият аст». Ҳамин нуктаи муҳим тамоми соҳибзабонон ва шаҳрвандони Тоҷикистонро водор менамояд, ки ба забони давлатӣ арҷ гузоранд, онро ҳамчун муқаддасоти миллат ва давлат ҳифз ва эҳтиром намоянд.

Воқеан, забоне, ки он инъикоскунандаи таърихи зиндагии миллат ва пайвандгари наслҳои дирӯзу имрӯзу фардои миллат мебошад, забоне, ки таърихи беш аз шаш ҳазорсола дорад, замоне аз корҳои давлатдорӣ ва сиёсию ҳизбӣ барканор шуда буд. Бо ҷонбозиҳо ва ғамхориҳои беназири Пешвои миллат забони тоҷикӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ мавқеи умумимиллию давлатии худро дубора устувор намуд ва шароити мусоиде дар ин даврон барои рушду камолоти минбаъдаи он фароҳам омад. Хусусан, поку беолоиш нигоҳ доштани забони адабӣ ва аз олудаҳои бегонаю унсурҳои маҳаллӣ пок сохтани он фарогири ҷузъи таркибии ҳамин марҳала мебошад.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба забони ноби тоҷикӣ калимаю таркибҳои зиёде аз забонҳои бегона, хусусан аз забони арабӣ, ворид гардид. Раванди арабишавии забони тоҷикӣ дар ҳамин давра вусъати тоза пайдо кард. Забони матбуоти давриро вожаҳои зиёди арабӣ фаро гирифта буданд, вале, хушбахтона, даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳамин раванди номақбул хотима гузошт. Ин давра пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, ташаккули вожагони он аз ҳисоби забони классикию халқӣ, ҳамчунин, ғанитару суфтатар намудани забони адабиро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талқин намуда, ба аҳли зиё ва фарҳанг таъкид намуда буданд: «Покизаю беолоиш нигоҳ доштани забони матбуоти даврӣ вазифаи ҷонии зиёиёну аҳли фарҳанг ва ҳар фарди ватанпарвару миллатдӯст мебошад».

Пас аз касби истиқлолият ба ин забон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, созишномаҳо ва қарорҳои муҳим таҳия ва тарҷума гардиданд. Президенти кишвар забонро «нишонаи асосӣ ва муайянкунандаи асолату ҳувияти миллат» номида, таъкид фармудаанд, ки «забони мо баёнгари сарнавишти мо, мояи ифтихору сарфарозӣ ва пойдевори ваҳдати ҷовидонаи миллати мост». Дар баробари ин, ифтихори мо аз забони модарӣ бояд яке аз нишонаҳои фарҳангу маънавиёти баланди мо бошад, зеро забони ҳар миллат ёдгории азизест, ки решаи он аз сарчашмаи чандин наслҳои нажоди ӯ об хӯрда, мояи ифтихору худшиносии наслҳои баъдина мегардад. Масалан, ба забони тоҷикӣ, ки забони расмии давлати мо мебошад, илму адабиёти хаттие мавҷуд аст, ки таърихи зиёд дорад. «Ифтихори забон, - мегӯяд Пешвои миллат, - аз донистани забони адабӣ оғоз мегардад».

Ду масъалаи зикршуда, яке эҳтиром ба забони миллӣ ва давлатӣ, дигаре, ифтихор аз забони тоҷикӣ масъалаҳои муҳиме буданд, ки дар даҳсолаи аввали асри XXI Пешвои миллат батакрор аз онҳо ҳар як соҳибзабононро ҳушдор доданд. Ҷиҳати боз ҳам мустаҳкамтар намудани ҳисси ифтихор ва посдорӣ аз забони миллӣ Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаждаҳумин солгарди Рӯзи забон - 21-уми июли соли 2007 зимни суханронӣ соли 2008-ро «Соли забони тоҷикӣ» эълон намуданд.

Дар суханрониашон ба ифтихори ҷамъбасти «Соли забони тоҷикӣ» ба як масъалаи муҳими дигар таваҷҷуҳи соҳибзабононро ҷалб намуданд. Ин масъалаи тарзи андешаю баёни миллӣ буд, ки бисёр воқеӣ ва саривақтӣ садо дод. Раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо ба забону фарҳанг, балки ба тарзи ифода ва ҷаҳони андешаи миллӣ бетаъсир намемонад. Аз таърихи забони тоҷикӣ маълум аст, ки андешаҳо ва тафаккури бегона ба забони миллӣ таъсири сахт расонидааст. Забон таҳти таъсири андешаи бегонагон асолати худро аз даст медиҳад. Ин аст, ки таҳти таъсири андешаи арабҳо дар номгузории мардуми тоҷик таҳаввулоти ҷиддӣ рӯй дод. Номҳои аслии тоҷикӣ бо мурури давр аз байн рафтанд, ки онҳо нишондиҳандаи асолати забони миллӣ буданд ва ҷойи онҳо номҳои арабӣ ва ё дар радифи онҳо номҳои сохтаи тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Баъдан ворид гардидани номҳои туркӣ ва аврупоӣ ба забони тоҷик таъсири худро гузоштанд. Имрӯз бархе аз мардум ба пасвандҳои насабсози забони русӣ одат карда, пасвандҳои насабсози миллиро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо истифода шудаанд, қабул надоранд. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар андешаи онҳо ҷойгир шудани идеологияи бегона аст. Маҳз ҳамин андешаи бегона боиси аз байн рафтани низом ё қолаби насабсозии тоҷикӣ гаштааст. Пешвои миллат дар робита ба ҳамин масъала таъкид фармудаанд: «Дар оғози давраи ба забони давлатӣ ва илмӣ табдил ёфтани забони мо ба сабаби забони дину сиёсат ва илм будани забони арабӣ аксари донишмандону адибон асарҳои хешро бо ин забон таълиф намудаанд. Вақте зарурати таълифи ин гуна асарҳо ба забони дарии тоҷикӣ пеш омад, донишмандон барои баёни андешаҳои худ, махсусан баъди Сомониён, аз истилоҳоту таркибҳои арабӣ бештар истифода карданд, ки ин ҷараён баъди асри XII сахттар ва таъсири забони арабӣ ба забони мо бештар гардид. Баъдан дар садаи XX ҳамин гуна таъсир тавассути забони русӣ ҳамчун забони расмӣ ва муоширати байни халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бори дигар шиддат гирифт, ки нуфузи ин раванд дар забони тоҷикӣ то имрӯз дар шакли сухангӯиҳои таҳтуллафзӣ ва сабку услуби нигориши як силсила ҳуҷҷату санадҳо боқӣ мондааст. Мо соҳиби забонем ва тарзи андешаю баёни мо бояд ба забони модарӣ сурат гирад».

Бо ҷаҳду талош ва ташаббусу ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳуқуқ аз ташаббуси қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки он 1-уми октябри соли 2009 қабул гардид ва 3 октябри соли 2009 аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ ёфта, 5 октябри соли 2009 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имзо шуд.

Як нуктаи бисёр муҳимро мебояд зикр кард, ки Пешвои миллат доир ба бақои миллат ва ҳастии он сухан ронда, забони миллиро ба симо ва пайкари миллат ташбеҳ медиҳад: «Ба ин далел метавон гуфт, ки забони миллӣ симо ва пайкари миллати мо мебошад. Аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст».

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони тоҷикӣ, ҳамчун забони қонун, забони дипломатия ва забони сиёсат дар сатҳи мақомоти олии кишвар қарор дошта, ҷиҳати рушду инкишоф ва поку беолоиш нигоҳ доштани он бояд пайваста кӯшиш намоем.

**С.Қ. МАТРОБИЁН,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои филологӣ**

---

**ВОРИС**

## СОЯИ ШУМО

**Ҳамчун ҳумой бар сари мо**
**сояи Шумо,**
**Пайғоми ишқ мерасад**
**чун ояи Шумо.**

**Ҷуз меҳру ҷуз муҳаббату**
**ҷуз меҳрубониҳо,**
**Сулҳ асту ваҳдату сафо**
**сармояи Шумо.**

**Нурест чун таҷаллии**
**имону эътиқод,**
**Дар фикру дар тасаввуру**
**дар мояи Шумо.**

**Симурғвор пар бикашӣ**
**рӯи ин Ватан,**
**Дигар кӣ аст ҳампару**
**ҳампояи Шумо?!**

**Ҳасти китоби «Тоҷикон»,**
**«Шаҳнома»-е дигар,**
**Сабзидааст ин Ватан**
**аз ғояи Шумо.**

**Эй раҳнамою раҳбару**
**эй сарвари азиз,**
**Осуда аст зиндагӣ**
**дар сояи Шумо.**

# ҲИКМАТИ СУЛҲОФАРӢ ВА ДАВЛАТСОЗӢ

**Чунин ном дорад китоби нави муҳаққиқон Сироҷиддини Қосим, олими тиб Зайниддини Қосим ва ҳуқуқшиноси байналмилалӣ Фаррухи Қосим. Рисола намунаи олии пажӯҳиши чандинсолаи муаллифон буда, дар он раванди ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла сабабу оқибатҳои бархӯрди ҳизбу ҳаракатҳои ба истилоҳ «демократӣ» барои ба даст овардани ҳокимият, дар заминаи санадҳои аслӣ ва боэътимод бозгӯӣ шудааст.**




Мухолифони Ҳукумат барои ҷоҳу ҷалол дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастаҳои силоҳдори зиёд таъсис доданд, ки бештари онҳо дар раванди муқобилияти шадид ба сохторҳои низомии ҳукуматӣ ба қатлу ғорати мардум ва тасарруфи моликияти муассисаву корхонаҳо ва соҳибкорон даст зада, мардумро дар ҳолати тарсу ҳарос нигоҳ медоштанд. Дар натиҷа, низоми ҷамъиятиву сиёсӣ мураккаб гардида, бештари мардуми кишвар ба ду гурӯҳ - тарафдорони Ҳукумат ва мухолифони он ҷудо шуданд.

Дар он рӯзҳои ногувор неруҳои ватандӯст барои баромадан аз буҳрони мураккаби ҷумҳурӣ даъват намудани ҷаласаи Шурои Олиро ба миён гузоштанд ва барои таъмини бехатарии иштирокдорон ин ҷаласа 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Дар ин ҷаласа Ҳукумати муросои миллӣ, ки бо фишори мухолифон таъсис ёфта буд, барканор ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Роҳбари давлат интихоб шуданд. Сарвари давлат бо мақсади ба даст овардани оштии миллӣ ва роҳандозӣ намудани кишвардорӣ бо шуҷоат ва қаҳрамонӣ корномаи беназири худро эҷод карданд. Дар самти сулҳофарии рисола омадааст: «Тӯли таърихи башарият боэътимодтарин сулҳ ҳамон сулҳе дониста шудааст, ки ҳангоми гуфтушунид рақиб боэҳтиром пазируфта ва бо амалҳои ҳамидаи инсонсолорӣ ва бахшида тавонистани гуноҳи мухолиф фикру андеша ва назари ӯ ба раванди боварибахши муносибатҳои тарафҳо тағйир дода шавад. Дар ин бобат профессор Нодири Одил гуфтааст: «Дар истиқрори сулҳи тоҷикон низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамин хиради раббонӣ ва хусравониро ба кор бурданд...».

Гуфтушуниди тарафҳои мухолиф (намояндагони Ҳукумат ва мухолифони он, ки дар хориҷи кишвар қарор доштанд) барои оштии миллӣ бо мушкилоти зиёд, мураккабу тӯлонӣ сурат гирифта, дар чанд давра гузаронида шуданд. Хушбахтона, ҳангоми пайдо шудани мушкилот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди музокирот ворид шуда, роҳи ҳалли босалоҳияти масоили барои тарафҳо манфиатоварро пешниҳоду татбиқ мекарданд ва гуфтушунид идома меёфт.

Музокироти тарафҳо, ки моҳи майи соли 1992 оғоз ёфта буда, 27-уми июни соли 1997 бо қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҷамъбаст гардид, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима гузошта шуд.

Инчунин, нақши созандаву бунёдии Президенти мамлакат дар таъсиси ниҳоди нави сулҳофар - Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ва зери роҳбарӣ гирифтани иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, роҳандозӣ кардани ёриву мусоидати кишварҳои дӯст, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои қудратии кишвар барои баргардонидани гурезаҳо аз кишварҳои хориҷӣ ба ҷойи зист, ворид намудани ҷанговарони неруҳои ИНОТ ба сохторҳои қудратии Тоҷикистон, аз аттестатсия гузаронидани ҳайати шахсии сохторҳои қудратӣ, таъин намудани намояндагони ИНОТ ба 30 дарсади мансабҳои давлатӣ холисонаву одилона нигошта шудаанд.

«Ҳикмати сулҳофарӣ ва давлатсозӣ» аз навиштаҳои дигари ин давра ба он фарқ мекунад, ки дар он роҳу равиш, усулҳои эҷоди созиши байни тарафҳо ва ҳалли манфиатовари масъалаҳои баррасишаванда мувофиқу созгор бо далелҳои мушаххасу боварибахши сарчашмаҳои расмӣ дарҷ гардидаанд.

Амалигардонии чорабиниҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, хусусан, баргардонидани гурезаҳоро мардуми кишвар ва дӯстони хориҷии Тоҷикистон яке аз ҳикматҳои сулҳофарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътироф кардаанд. Сиёсатмадорони байналмилалӣ ва роҳбарони созмону кишварҳои бонуфузи олам, аз ҷумла Кофӣ Аннан, Ян Кубиш, Ҷемс Вулфенсон, Владимир Путин, Александр Лукашенко, Нурсултон Назарбоев, Ислом Каримов ва дигарон назари худро нисбат ба сулҳофарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намудаанд.

«Сулҳу оштии тоҷикон, - омадааст дар рисола, - ба хотири муҳофизати халқу давлату якпорчагии Ватан эҷод гардида, дар раванди бархӯрдҳо ва ҷанги ҳамватании дигар кишварҳои ҷаҳон ҳамчун таҷрибаи олии омӯзанда пазируфта шудааст. Коршиносони масоили ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ сабабҳои аслии чунин натиҷаро дар огоҳ будани халқи тоҷик аз таърих, арзишҳо ва анъанаҳои омӯзандаи аҷдодиашон медонанд».

Дар рисола, ҳамзамон, бо далелҳои боварибахш барои муҳофизати Ватан, ноил гардидан ба истиқлолияти комил, ба давлати рушдёфтаву эътирофгардидаи ҷаҳони мутамаддин табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаву чорабинӣ ва амалҳои созандаву бунёдии ба вазъу замон мувофиқи Президенти кишвар инъикос ёфтаанд.

Дар рисола, инчунин, даҳҳо масъалаҳои дигари мустаҳкам намудани рукнҳои давлатдорӣ ва дар ҳолати рушди устувор нигоҳ доштани равандҳои ҳаёти ҷамъиятии бо иқдоми Сарвари давлат роҳандозишуда инъикос ёфтааст. Масалан, дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тамоми мардум аз нарасидани маводи ғизоӣ танқисӣ мекашиданд ва ин масъалаи доғи Ҳукумати ҷумҳурӣ гардида буд. Барои ҳалли ин мушкилот бо Фармони Президенти мамлакат соли 1995 ба аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ 50 ҳазор гектар ва соли 1997-ум 25 ҳазор гектар замини корам тақсим шуд. Дар ҳамон замон ин иқдом ягона воситаи аз гуруснагии шадид раҳонидани аҳолии кишвар гардид. Мардум дар ин заминҳо ғалладона ва дигар навъҳои зироат корида, аз гуруснагӣ раҳо ёфтанд. То имрӯз ин заминҳо бо номи «заминҳои президентӣ» маъруфанд ва деҳқонон ин заминҳоро бо ифтихор «тuҳфаи ҷонбахши Ҷаноби Олӣ» меноманд.

Дар раванди иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон душманони дохилию хориҷии кишвар бо истифодаи гурӯҳҳои яроқноки ҷиноятпеша ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ муқобилияти шадид нишон медоданд. Соли 1997 дар вилояти Хатлон ва соли 1998 дар вилояти Суғд табаддулоти давлатӣ содир карданӣ шуда, ба сохторҳои ҳукуматӣ ва қудратӣ ҳуҷуми мусаллаҳона карданд. Дар ин фасли рисола ғаразу ниятҳои нопоки исёнгарон, зарарҳои моддию ҷонии расонида ва аз тарафи сохторҳои қудратӣ дар кӯтоҳтарин муҳлат безарар гардонидани онҳо ба тафсил шарҳу тавзеҳ шудаанд. Батафсил баён намудани кӯшиши табаддулоти давлатӣ аз тарафи душманони дохиливу хориҷии Тоҷикистон, ҳифзи якпорчагӣ ва ваҳдати миллии кишвар ҳушдорест барои наслҳои ояндаи мамлакат барои ҳифзи Ватани озод, мардуми азизи он ва таъмини зиндагии бошарафу гуворои сокинон.

Фасли дигари ин китоб «Барқарор намудани мавқеи забони тоҷикӣ, инкишофи илму фарҳанг ва эҳёи ваҳдати миллӣ» номгузорӣ шудааст. Аҳамият ва барқарор намудани мавқеи забони тоҷикӣ, инкишофи илму фарҳанг, эҳёи ваҳдати миллӣ ҳамчун барномаҳои давлатсозии навин дар ин рисола бо шаклу усулҳои хоси миллӣ нигориш ёфтааст. Дар эҳёи илму фарҳанг ва манзалати оламшумули аҷдодиамон нақши созандаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдӣ буда, дар бораи дастовардҳои ҷаҳонии илму адаби тоҷикон асарҳои таърихӣ ва илмии зиёд, ба мисли «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён», «Забони миллат – ҳастии миллат» (иборат аз ду ҷилд), «Муҳити зиндагӣ ва андешаҳои Имоми Аъзам», «Чеҳраҳои мондагор», «Истиқлоли Тоҷикистон ва эҳёи миллат»-ро (дар 22 ҷилд) эҷод намудаанд. Ин асарҳо обрӯву мақоми тоҷиконро боз ҳам боло бурданд.

Фасли сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ низ дар заминаи асолатҳои аҷдодони гузашта ва арзишҳои миллӣ роҳандозӣ шуда, барои дар ҷаҳони мутамаддин ҷойи худро ёфтани Тоҷикистон заминаи воқеӣ гардиданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дигар рукнҳои давлатдорӣ ба сиёсати хориҷӣ шаклу мазмуни нав ворид намудаанд ва ба раванди фаъолияти ин ниҳод роҳбарӣ карданд. Аз ҷумла, сиёсати «дарҳои боз», ки онро Сарвари давлат аз давраи ба сари ҳокимият омадан эълон карданд, ба инкишофи муносибатҳои созандаи Тоҷикистон бо кишварҳо ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳон мусоидат намуд.

Рисолаи «Ҳикмати сулҳофарӣ ва давлатсозӣ» бо таҳрири доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Р. Нуриддинов нашр гардидааст. Тарве раиси маркази таҳлилу ахбори «Сипеҳр», узви ифтихории Академияи улуми инсонии Фаронса Сайидаҳмади Қаландар дар муқаддимаи он таъкид намудааст: «Омӯзиши ин рисола барои ҷавонон, ояндасозони мамлакат, ки дар бораи мушкилоти аз хатари нобудшавӣ раҳонидани Ватани азизамон маълумоти кофӣ ва муътамад надоранд, мактаби хуби ватанпарварӣ шуда метавонад. Аз ин сабаб, асар ҳамчун дастури амалкард ва таҷрибаи рӯзгори пуршебу фарози мардуми Тоҷикистон, таърихи солҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI, метавонад дар тарбияи наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар истифода шавад ва дар роҳи аз ҳар гуна ақидаҳои таассубгароӣ ва тундрави динӣ пешгирӣ кардани ҷавонон хидматгузор бошад».

**Кароматуллоҳи МИРЗО,**
**Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,**

**Аламхон КӮЧАРЗОДА,**
**узви вобастаи АМИТ, профессор,**

**Маҷид САЛИМ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи С. Айнӣ**

ОБУНА - 2025

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425911 | Госпитали марказии ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қ/ҳ 08008 | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 24.11.2024 11:20:00 |
| 2 | 425916 | Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиа | Таъмири боми бинои мактаби автомобилии ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиа дар шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.11.2024 14:30:00 |
| 3 | 425907 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Корҳои васлнамоии барқии трансформатор дар маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.11.2024 09:40:00 |
| 4 | 425908 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири роҳи автомобилгарди шаҳраки Академияи илмҳо, мумфаршкунии роҳҳо ва бо ранги равғанин ранг кардани канорасангҳо дар масоҳати 140м², корҳои ороишӣ дар атрофи роҳ, шинонидани ниҳоли дарахтони ороишӣ ва часпонидани Парчами Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.11.2024 10:30:00 |
| 5 | 425912 | Раёсати бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасонии чопи варақаҳои баҳисобгирию ҳисоботии қатъӣ барои Раёсати бозрасии давлатии автомобилии ВКД ҶТ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 26.11.2024 11:45:00 |
| 6 | 425902 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд | Ниҳолҳои гули виола | Озмуни кушод | Мол | 1 | 04.12.2024 16:00:00 |
| 7 | 425903 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №59-и шаҳри Ҳисор | Ангиштсанг | Озмуни кушод | Мол | 1 | 04.12.2024 16:35:41 |
| 8 | 425905 | Раёсати кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар вилояти Суғд | Таъмири ҳоҷатхона ва бинои асосии Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.12.2024 08:41:41 |
| 9 | 425909 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти идоравӣ, қолин, шустушӯй, таҷҳизот, молҳои маишӣ, электротехникӣ ва сантехникӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо, антифриз ва тосол | Озмуни кушод | Мол | 80 | 05.12.2024 10:20:06 |
| 10 | 425910 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар ноҳияи Қубодиён | Таъмири бинои Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон» дар ноҳияи Қубодиён | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.12.2024 10:50:35 |
| 11 | 425904 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара | Трансформатор ва лавозимоти барқӣ барои эҳтиёҷоти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара | Озмуни кушод | Мол | 13 | 05.12.2024 13:00:00 |
| 12 | 425913 | Идораи сохтмони асосии ҳокимияти иҷроияи шаҳри Кӯлоб | Иншооти соҳилмустаҳкамкунии дарёи Ёхсу мавзеи Гулободи д/с Даҳанаи шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 05.12.2024 13:11:41 |
| 13 | 425914 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ховалинг | Таъмири 2 адад дастгоҳи обкашии тамғаи ЭЦВ1 10/65/65 ва 2 адад муҳаррики барқи 110/1500 | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 05.12.2024 13:12:34 |
| 14 | 425918 | Мактаби олии Вазорати корҳои дохилӣ | Маснуоти сантехникӣ, стансияҳои назорати насосӣ, насосҳо, таҷҳизоти идоравӣ, видеокамераҳо ва видеомагнитофонҳо | Озмуни кушод | Мол | 35 | 05.12.2024 14:25:26 |
| 15 | 425906 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Ашт | Маводҳои хӯрока барои эҳтиёҷоти мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Ашт | Озмуни кушод | Мол | 25 | 05.12.2024 14:35:35 |
| 16 | 425917 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Сағирдашт | Маҳсулоти нафтӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 05.12.2024 14:50:53 |
| 17 | 425922 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 05.12.2024 14:53:03 |
| 18 | 425921 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Молҳои маишӣ, идоравӣ, акустикӣ ва мебел | Озмуни кушод | Мол | 13 | 05.12.2024 14:56:16 |
| 19 | 425923 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Пиёзаки гули лолаҳо | Озмуни кушод | Мол | 5 | 05.12.2024 14:59:11 |
| 20 | 425920 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Нуриҳо, заҳрхимикатҳо ва инсектисидҳо | Озмуни кушод | Мол | 7 | 05.12.2024 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ВЫБОРЕ ИНЖЕНЕР-СТРОИТЕЛЬ ПРОЕКТА

Организация: **Государственное учреждение «Центр управления проектами развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в РТ»**

Проект: **Инвестиционный проект водоснабжения и санитарии в Таджикистане (Фаза-1)**

Должность: **Инженер-строитель проекта**

Страна: **Республика Таджикистан**

Грант №: **№ Е 0950-Tj**

Выпущено: **12 ноября 2024 г.**

**I. ВВЕДЕНИЕ**

Инвестиционный проект водоснабжения и санитарии в Таджикистане (ИПВС-1) был одобрен Советом исполнительных директоров Всемирного банка 23 июня 2022 года. Основными агентствами реализации проекта являются Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан (МЭВР) и Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ. Соглашение о финансировании между Республикой Таджикистан и Международной ассоциацией развития и проектное соглашение между Агентством по реализации проекта (АРП), Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ и Международной ассоциацией развития были подписаны 3 октября 2022 года. Цель развития по Проекту (ЦРП) сформулирована следующим образом: Улучшение доступа к безопасным услугам питьевого водоснабжения в отдельных районах и укрепление потенциала учреждений сектора водоснабжения и санитарии для совершенствования и улучшения предоставляемых услуг. Инвестиционный проект водоснабжения и санитарии в Таджикистане (ИПВС-1) является первой фазой Инвестиционной программы сектора водоснабжения и санитарии, которая обеспечивает инвестиции в капитальный ремонт/модернизацию инфраструктуры с оказанием постоянной поддержки в реализации текущих национальных реформ, включая реструктуризацию и укрепление ключевых институтов в области планирования, регулирования и предоставления услуг в водном секторе Хатлонской области. Инвестиции в инфраструктуру будут основываться на ранних результатах текущего Проекта сельского водоснабжения и санитарии и расширять их, при этом выбор мероприятий будет определяться техническими решениями и оценками, разработанными в рамках Проекта сельского водоснабжения и санитарии. Проектные участки, охваченные в рамках ИПВС-1, характеризуются высокой плотностью сельского населения, низким охватом безопасно управляемыми услугами водоснабжения, высокой зависимостью от небезопасных источников воды, относительно высоким уровнем бедности и отсутствием инвестиций по линии других доноров. Проект расширит инвестиции в приоритетную инфраструктуру водоснабжения в районах Дж. Балхи и Дусти, обслуживаемых через Вахшскую межрайонную систему водоснабжения, и максимизирует воздействие инвестиций Проекта сельского водоснабжения и санитарии в систему так называемого «оптового» водоснабжения. Инвестиции в инфраструктуру охватят пригородные и сельские поселения и будут направлены на улучшение работы подведомственных структур Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ и/или их преемников в обеспечении устойчивости услуг, предоставляемых населению. Эти усилия помогут повысить финансовую устойчивость сектора водоснабжения и санитарии в долгосрочной перспективе и направить сектор к планированию, ориентированному на результат, и повышению качества услуг. Проект состоит из четырех компонентов:

Компонент 1: Укрепление институциональных структур и наращивание потенциала (УОСНП) учреждений (субъектов) водного сектора,

Компонент 2: Инвестиции в водоснабжение и санитарию (ВСГ),

Компонент 3: Поддержка в реализации Проекта

Компонент 4: Экстренное реагирование на чрезвычайные ситуации.

Проект будет реализовываться Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ и Министерством энергетики и водных ресурсов (исполнительные агентства) через существующий Центр управления Проектом развития муниципальной инфраструктуры.

Это Техническое Задание описывает обязанности Инженера /поддержка Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ, который будет работать в офисе Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ в Душанбе с поездками в Хатлонскую область.

**II. ЦЕЛЬ**

Целью задания заключается в оказании поддержки Комитет по жилищно-коммунальному хозяйству при ПРТ в выполнении услуг по надзору за строительными, монтажными, пуско-наладочными работами для систем водоснабжения в районах, охватывающих Проектом.

**III. ТРЕБУЕМЫЕ КВАЛИФИКАЦИИ**

Инженер-строитель желательно должен иметь опыт работы в реализации аналогичного проекта финансируемого Всемирным Банком, Азиатским Банком Развития, Исламским Банком, ЕС и т.д. Хорошо понимать проблемы сельской коммунальной инфраструктуры, а также хорошее знание и более 5 лет практического опыта в следующих сферах: (а) проектирование и строительство систем водоснабжения, канализации, очистки сточных вод, а также других объектов инфраструктуры; (б) управление и надзор за выполнением контрактов по строительству.

**IV. МИНИМАЛЬНЫЕ ТРЕБОВАНИЯ:**

i. Высшее образование в области гражданского строительства

ii. Не менее 5 лет профессионального опыта, из которых 3 года - опыт работы в системе водоснабжения;

iii. Не менее 3 лет опыта работы во Всемирном банке/других организациях-донорах в области строительстве.

iv. Хорошее знание местных требований и процедур надзора за строительными работами, а также принципы хранения соответствующей документации по ним;

v. Умение работать на персональном компьютере (Microsoft Office и понимание AutoCad)

vi. Знание таджикского и русского языков, а также английского языка (желательно)

**V. ЗАЯВИТЕЛИ ДОЛЖНЫ ПРЕДОСТАВИТЬ СЛЕДУЮЩИЕ ДОКУМЕНТЫ:**

Подписанное и датированное заявление на таджикском, русском или английском языке на имя директора проекта г-на Саидвализода А. В теме заявления укажите должность, на которую претендует заявитель, и краткое обоснование его/ее квалификации для данной должности. Подписанное и датированное резюме на таджикском, русском или английском языке. Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию. Копия сертификата и рекомендаций, если таковые имеются.

Перейдите по ссылке чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ):

**https://disk.yandex.ru/i/ffX9X8zTz846Hg**

**Крайний срок подачи документов – 29 ноября 2024 г.**

**Документы необходимо предоставить в бумажном виде или по электронной почте по следующему адресу:**

**Республика Таджикистан**

**г. Душанбе, ул. Н Карабаева 56, 4 этаж**

**Электронная почта: rwssp@midp.tj**

**На основании рассмотрения резюме, отобранные и вошедшие в шорт-лист кандидаты будут проинформированы о результатах в течение 10 рабочих дней после крайнего срока подачи заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.**

**Дополнительную информацию можно получить по указанным выше контактам с 09:00 до 16:00.**

## СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ВЫБОРЕ СПЕЦИАЛИСТ ПО ЗАКУПКАМ

Организация: **Государственное учреждение «Центр управления проектами развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в РТ»**

Проект: **Инвестиционный проект водоснабжения и санитарии в Таджикистане (Фаза-1)**

Должность: **Специалист по закупкам**

Страна: **Республика Таджикистан**

Грант №: **№ Е 0950-Tj**

Выпущено: **12 ноября 2024 г.**

**I. ВВЕДЕНИЕ**

Правительство Таджикистана обратилось к Всемирному банку с просьбой поддержать усилия правительства по решению проблем сектора и в настоящее время готовит проект по сельскому водоснабжению и санитарии. Цели развития проекта (ЦРП) - помочь Правительству Таджикистана: (i) укрепить потенциал институтов в секторе водоснабжения и санитарии; и (ii) улучшить доступ к услугам водоснабжения и санитарии в отдельных регионах. Предварительные местоположения проектной территории: (i) межрайонная система водоснабжения Вахшской группы, охватывающая шесть районов Южного Хатлона (Вахш, Балхи, Кушониён, Левакант, Дусти, Джайхун); (ii) система водоснабжения Восе расположенных в южной части Хатлонской области Таджикистана.

Проект будет реализовываться ГУП «ХМК» и Министерством энергетики и водных ресурсов (исполнительные агентства) через существующего Центра управления Проектом развития муниципальной инфраструктуры.

**II. ЦЕЛЬ**

Специалист по закупкам окажет поддержку Исполнительным агентствам в осуществлении закупочной деятельности в соответствии с правилами закупок Всемирного Банка (июль 2016г., пересмотренный в ноябре 2017г. и август 2018г.).

**III. ТРЕБУЕМЫЕ КВАЛИФИКАЦИИ**

i. Высшее образование в области экономики, инженерии, бизнес –управлении или юриспруденции;

ii. Не менее 5 лет профессионального опыта в области закупок в соответствии с руководящими принципами Всемирного банка;

iii. Прошел тренинг по международным процедурам закупок, включая процедуры Всемирного банка, по товарам, работам и отбору консультантов;

iv. Опыт работы в проектах развития инфраструктуры не менее 3 лет.

v. Хорошее знание Закона о государственных закупках;

vi. Продвинутые компьютерные навыки;

vii. Свободное владение таджикским, русским и английскими языками.

**IV. ЗАЯВИТЕЛИ ДОЛЖНЫ ПРЕДОСТАВИТЬ СЛЕДУЮЩИЕ ДОКУМЕНТЫ:**

Подписанное и датированное заявление на таджикском, русском или английском языке на имя директора проекта г-на Саидвализода А. В теме заявления укажите должность, на которую претендует заявитель, и краткое обоснование его/ее квалификации для данной должности. Подписанное и датированное резюме на таджикском, русском или английском языке. Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию. Копия сертификата и рекомендаций, если таковые имеются.

Перейдите по ссылке чтобы найти подробное Техническое задание (ТЗ):

**https://disk.yandex.ru/d/2Pa3jHkdxBXZdA**

**Крайний срок подачи документов – 29 ноября 2024 г.**

**Документы необходимо предоставить в бумажном виде или по электронной почте по следующему адресу:**

**Республика Таджикистан**

**г. Душанбе, ул. Н Карабаева 56, 4 этаж**

**Электронная почта: rwssp@midp.tj**

**На основании рассмотрения резюме, отобранные и вошедшие в шорт-лист кандидаты будут проинформированы о результатах в течение 10 рабочих дней после крайнего срока подачи заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.**

**Дополнительную информацию можно получить по указанным выше контактам с 09:00 до 16:00.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, бинои 13, хонаи 11, ба Исоева Замира Сунатуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0197628, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №91-и ноҳияи Рашт соли 2015 ба Шомаҳмадов Ҳоҷиумар Сайдумарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки онро Департаменти паспорти шаҳри Кобул бо силсилаи P AFG P01651394 санаи 23 декабри соли 2018 ба Навабӣ Биҳишта додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи муваққатии гумшуда, ки онро Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2021 таҳти №005830 ба шахси паноҳҷӯянда – шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Навабӣ Биҳишта додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки онро Департаменти паспорти шаҳри Кобул 23 декабри соли 2018 ба Навабӣ Соҳил додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи муваққатии гумшуда, ки онро Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2021 ба шахси паноҳҷӯянда – Навабӣ Соҳил додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Камонгарони боло, хонаи 52, ба Холиқзода Меҳрангез додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Корвон инвест» (РЯМ 0310011790), эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 20 майи соли 2020 таҳти №32597 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 64 «А», хонаи 40, ба ҶСНК «Саманд» додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2022 ба Гурезов Сипарҷон Шамсуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №0623801, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 20 майи соли 2024 таҳти №115847 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Канорӣ, хонаи 125, ба Давлятов Одина додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 77 «А», хонаи 30, ба Ҳасанов Нуралӣ Усмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0234799 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 30 июни соли 2020 таҳти №27699 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 77 «А», хонаи 30, ба Ҳасанов Нуралӣ Усмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи гумшудаи манзили зисти №7, ки онро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳти фармони №4 аз 23 майи соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 77 «А», хонаи 30, ба Ҳасанов Нуралӣ Усмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирии №68-005-000208, 68-005-000208-03, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Авесто, хонаи 27, ба Сафаров Умедҷон Амонулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибоси гумшуда аз феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба ҶДММ «Корвон инвест» (РМА 030022627, РЯМ 0310011790) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи гумшудаи №429-А-Б оид ба саҳмгузорӣ дар сохтмони хонаи бисёрутоқа, ки 25 июли соли 2017 байни ҶСК «Авиценна» ва Мирзаева Мунавар Сулеймоновна бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро 32-34, ошёнаи 15, блоки А, хонаи 97 (якҳуҷрагӣ) баста шудааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Оббар» (РЯМ 1210015685, РМА 120046234), ки онро дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 10-уми ноябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «Абдулворис» (РЯМ 0310022112, РМА 030034017), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14 сентябри соли 2022 ба қайд гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «Фаёз хизматрасон» (РЯМ 0210028766, РМА 020053910), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4 декабри соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «ТАБАССУМИ ШУМО» (РМА 410004802, РЯМ 4110002509), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Норак 14 ноябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «Муҳаммаднабии Исроил» (РМА 120046179, РЯМ 1210015639), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 25 сентябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 ноябри соли 2024, соати 8:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва М. Солиҳова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97